# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Садриддин Айнӣ аз зумраи адибонест, ки мақоми арҷманд дар эҳёву бақои ҳастии давлатдории миллӣ ва шинохти тоҷикон дар ақсои олам бо пайкори наҷибу созанда накши мунир гузошта, бошарафона дар ҳимояи адолати иҷтимоӣ, ғами халқу давлат ва миллат дар марҳалаи ҳассоси таърихӣ ҷон ба гарав гузоштааст. Мероси пурарзиши ин устоди сухан сарнавишти пурсӯз, зиндагонии пуразоб ва фоҷеабор, талхиву нокомиҳои давраи ҳассостарини таърихии халқи тоҷикро инъикос намуда, дар ташаккули ҳувияти ҷомеа таъсири судманд гузоштааст. Дар ин робита консепсияи эҷодӣ ва ҷусторҳои хунарии устод С. Айнӣ, ки тавонистааст тимсоли барҷастаи халки заҳматкашу азиятдидаи тоҷикро ба таври барҷаста офарад, шоистаи таҳқиқу омӯзиш мебошад.

Кори илмӣ-таҳқиқии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна зери унвони «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ»-ро дар раванди адабиётшиносии имрӯз ҳам аз нигоҳи мавзуъ ва ҳам аз лиҳози маводи пажӯҳишӣ икдоми назаррасу ҷолиб маънидод намудан мумкин аст. Аз маълумоти дар автореферат дарҷшуда бармеояд, ки диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза аз мукаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёту нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуъ фароҳам омадааст.

Муҳаққиқ дар мукаддимаи автореферати диссертатсия вазифаҳо, муҳиммияти мавзуъ ва шеваю усулҳои таҳқиқро баён кардааст. Муаллиф масъалаи консепсияи шахсиятро дар осори адабӣ ҳамчун падидаи ҳунари эҷоди бадеӣ дар қаринаи муайяни таърихӣ ва ҷараёни насри муосири тоҷикро бо диди тоза баррасӣ намуда, фаъолияти адабии нависанда дар иртибот ба ҷанбаи ҳунарию фардияти эҷодӣ дар мисоли «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ дар пайванд ба замону муҳити адабии давр нишон дода шудааст.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷусторҳои фардии тафаккури эҷодӣ, хусусияти ғоявию мундариҷавӣ ва бадеии осори Садриддин Айниро дар мисоли “Ёддоштҳо” бо биниши тоза таҳлил ва арзёбӣ намояд. Фаъолияти

адабии нависанда дар иртибот бо замони ӯ, муҳити адабии давр, арзишҳои ҳунарӣ, бо фарогирии таҳқиқоти донишмандони дигар, бо биниши тозаи нақди адабии даврони истиқлол омӯхта ва таҳқиқ шудааст. Симои муаллиф дар «Ёддоштҳо» ҳамчун иштирокчии фаъол, неруманд, наҷиб ва таҳлилгари ҳассос муҷассам мегардад. Маншаъ ва мабдаи консепсияи эҷодии С. Айнӣ ҳамчун адиби тавоно дар инъикоси арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ, тафаккури бадеӣ, фалсафӣ ва маърифатӣ таҳқиқ гардида, афкору андешаҳои нақди адабии солҳои гуногун ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Боби аввал «Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ» номгузорӣ шуда, дар фасли аввал «Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ» маҳорати чеҳранигории нависанда дар таҷассуми симои амир, қозӣ, аълам, миршаб, ҷаллод, гунаҳкорону шӯришгарон, ки вазифаи муҳимми тарбиятӣ ва маърифатиро ба иҷро расонидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар фасли дуюм «Шахсият ва воқеият: таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории устод С. Айнӣ» ҷанбаҳои ҳунарии осори адабӣ, таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ таҳлил шуда, зиндагӣ, аз ҳодисаю воқеаҳо ва шахсиятҳои дорои арзиши адабӣ корбаст намудани нависанда мӯшикофона таҳқиқ шудааст.

Боби дуюм «Бозтоби шахсияти таърихӣ ва симои рӯшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ» ном гирифта, муаллиф ба муайян кардани консепсияи бадеии насри муосир дар мисоли таҷассуми симои равшанфикрони Бухоро ва бозтоби чеҳраи Садриддин Айнӣ ҳамчун қаҳрамони асосии асар дар заминаи таҳлили санадҳои муҳимми ҳаётии адиб даст ёфтааст.

Дар боби сеюм «Таҳқиқи осори адабӣ, шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар «Ёдддоштҳо»-и С. Айнӣ» осори адабӣ ва чеҳраи Аҳмади Дониш, ҳадафу ниятҳои эҷодии нависанда, хусусияти ғоявию бадеии асар, масъалаи фардияти эҷодӣ ва сабки нигориши суханвар баррасӣ гашта, муаллиф ин вежагии ҳунарии С.Айниро барои инкишофи минбаъдаи худшиносии миллӣ, ворисияти таърихӣ, анъанаву суннат ва робитаи замонҳо муҳим арзёбӣ намудааст.

Фаслу бобҳои фишурдаи рисола аз лиҳози мазмуну муҳтаво ҳамдигарро такмил дода, қисмати хулоса бардоштҳои илмии муаллифро аз омӯзиши мавзуъ фаро мегирад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он бо сабки хуби илмӣ иншо шуда, муаллиф ба вазифаҳои дар назди худ гузошта комёб гардидааст.

Дар баробари ҳамаи ин дастовардҳо аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар он бархе камбудиҳои техникӣ роҳ ёфта, аммо ҳаргиз сатҳи илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Умедворем, бо таҳрири ин камбудиҳои ҷузъӣ мухассаноти кори илмӣ меафзоянд.

Автореферат ва диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна таҳти унвони «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта маҳсуб гардида, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илми филология, дотсенти кафедраи
методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров» Furthermore Furthermore Бобоҷонова М.Ҳ.
«18» майи соли 2023

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел: +(992) 92 7602141
E-mail: missmrustamova@mail.ru

Имзои М.Ҳ. Бобоҷоноваро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» Наврузов Э.М.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел:+(992) 117070700
E-mail: ddhkadr@mail.ru

«18» майи соли 2023